*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва*
*иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734064,*
*шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир ба диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси: 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаҳои ниҳодии рушди бахши бонкӣ ва иртиботи мутақобилаи он бо Бонки миллии Тоҷикистон, 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии макросиёсат ва микроравиши пулию қарзӣ ва бонкӣ нисбат ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.4. Мушкилоти таъмини сиёсати мутавозини бонкӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, қарздиҳӣ ва ташаккули дороиҳои ғайрифаъоли бонкӣ дар ҳамаи бахшҳои сарчашмаҳо ва захираҳо, 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он, 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтақавӣ, 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.16. Системаи мониторинг ва ояндабинии хавфҳои бонкӣ, 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Рушди кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ пеш аз ҳама бо амиқтар шудани ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт, ки бевосита муносибаҳои молиявиро дар бар мегирад тавсиф карда мешавад ва ин тамоюл фаъолияти низомҳои молиявии миллиро ба таври назаррас тағйир медиҳад. Дар чунин шароит, нақши сиёсати макропруденсиалӣ ҳамчун воситаи калидии таъмини суботи молиявӣ меафзояд. Гузашта аз ин бояд қайд кард, ки пас аз буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва бонкии солҳои 2007-2009 таваҷҷуҳи амалӣ ба омӯзиши хатарҳои системавӣ, мушкилоти сиёсати макропруденсиалӣ афзоиш ёфт, зеро ноустувории молиявӣ ҳамчун ангезаи сироятёбии бахши воқеии иқтисодиёт ба назар мерасид. Дар баробари ин, буҳронҳои қаблӣ нишон дод, ки танзими анъанавии микропруденсиалӣ, ки барои таъмини устувории муассисаҳои

молиявии алоҳида равона шудааст, барои пешгирии хатарҳои системавӣ ва ҳифзи низоми молиявӣ дар маҷмуъ нокифоя буд. Хамзамон, рушди босуръати бозорҳои молиявӣ, пайвастагии афзояндаи муассисаҳои молиявӣ ва мураккабии афзояндаи воситаҳои молиявӣ таҷдиди назари куллии равишҳоро ба танзими молиявӣ тақозо мекунад. Дар шароити имрӯза, таҳияи фишангҳои муассири макропруденсиалӣ, ки қодиранд аз ҷамъшавии хатарҳои системавӣ пешгирӣ кунанд ва устувории низомҳои молиявиро ба зарбаҳои беруна таъмин намоянд, махсусан муҳим шудааст.

Сарфи назар аз рушди фаъоли назария ва амалияи танзими макропруденсиалӣ дар давраи пас аз буҳрон, як қатор масъалаҳои ҳалношуда боқӣ мемонанд, ки ба беҳтар кардани фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ, ҳамоҳангсозии танзими макропруденсиалӣ бо сиёсати пулӣ ва арзёбии самаранокии чораҳои гуногуни макропруденсиалӣ алоқамандананд.

Аз ин дидгоҳ, такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ ҳам аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳам амалӣ зарур шуморида мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгонии илмии тадқиқоти мазкур дар таҳия ва такмили асосҳои сиёсати макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ бо мақсади таъмини суботи молиявӣ мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлил механизмҳои нави илмиро барои ташаккули низоми муассири воситаҳои макропруденсиалӣ пешниҳод намудааст. Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф бо назардошти зарурати таъмини суботи молиявии дарозмуддат дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 модели рушди макропруденсиалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Ҳамин тавр натиҷаҳои назарраси тадқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ ва муҳтавои онро инъикос мекунанд, аз инҳо иборатанд (Саҳ. 11-14).

1. Ақидаҳо ва назарияҳои илмии марбут ба механизмҳои танзими макропруденсиалӣ дар заминаи таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифта, моҳияти иқтисодии ин мафҳум тавассути назарияҳои илмӣ, ба монанди якум, танзими макропруденсиалӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳое, ки ҳадафашон коҳиш додани хавфҳои умумисистемавӣ дар низоми молиявӣ мебошад; дуюм, суботи молиявӣ ҳамчун омили зарурӣ барои фаъолияти муътадили низоми бонкӣ арзёбӣ мегардад, шарҳ дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлили равишҳои гуногун чунин таърифи муаллифӣ пешниҳод гардидааст: «Сиёсати макропруденсиалӣ ба таъмини суботи молиявӣ равона шуда, ҳолатеро дар назар дорад, ки тамоми бахшҳои муҳимми низоми молиявӣ (аз бозорҳо ва ташкилотҳо то сохторҳои он) бо ҳамоҳангӣ ва устуворӣ фаъолият намуда, қобилияти муқобилият бо шокҳои беруна ва хавфҳои системавиро доранд».

2. Механизмҳо, воситаҳо ва нақши сиёсати макропруденсиалӣ дар таъмини суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ илман асоснок гардида, сохтори сиёсати мазкур ва таъсири он ба низоми молиявӣ, бонкӣ ва макроиқтисодӣ бо назардошти хавфҳои системавӣ мавриди арзёбӣ қарор

дода шуд. Инчунин, ҳангоми тадқиқи хавфи системавӣ дар доираи механизми танзими макропруденсиалӣ, ки ба таъмини суботи молиявии бонкҳо равона аст, пешниҳод шуд, ки дигар намудҳои хавфҳо, аз қабили хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ, бозоргирӣ (ликвиднокӣ), бозорӣ ва ғайраҳоро бояд дар низоми фаъолияти бонкӣ ба инобат гирифта шаванд.

3. Фаъолияти институтҳои макропруденсиалӣ мавриди тадқиқ қарор дода шуда, нақш ва мавқеи Бонки миллии Тоҷикистон дар нигоҳдори суботи молиявии низоми бонкӣ муайян гардид. Ҳамзамон, мушаххас карда шуд, ки бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас дар соҳаи танзими макропруденсиалии низоми бонкӣ ҳамоно як қатор масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд. Ин мушкилот метавонанд дар ҳолати тағйир ёфтани шароити иқтисодиву молиявӣ ба монеаи ҷиддӣ дар суботи низоми бонкӣ табдил ёбанд. Яке аз чунин масъалаҳои асосӣ ба нишондиҳандаҳои методологии истифодашавандаи ниҳоди танзимкунандаи макропруденсиалӣ вобаста мебошад, ки дар ҳолати феълӣ асосан ба талаботи стандартҳои Базели I ва Базели II такя доранд. Илова бар ин, дар раванди тадқиқ механизмҳои гузариш ба стандартҳои Базели III барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта ва роҳандозӣ шудаанд.

4. Бо назардошти омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти танзими институтсионалии макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ як қатор механизмҳои самаранок фаъолияти онҳо ҷиҳати татбиқ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Пешниҳодҳои мазкур метавонанд ба такмили фаъолияти ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии кишвар натиҷаҳои мусбатро ба бор оваранд.

5. Ҳолати молиявии низоми бонкӣ бо назардошти ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шуда, сатҳи чандирӣ ва таҳаввулпазирии нишондиҳандаҳои молиявии онҳо муайян карда шуд. Маҳз дар натиҷаи арзёбии меъёрҳои ҷамъбастии ташкилотҳои қарзии низомсоз (КВД БА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Бонки Эсхата» ва ҶСК «Ориёнбонк») ва эҳтимолӣ (ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» ва ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл») муайян гардид, ки бозори ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон як муҳити динамикӣ ва тағйирёбанда дошта, дар он таъсири омилҳои гуногун (аз сиёсати дохилӣ то вазъи иқтисодии кишвар) эҳсос карда мешавад.

6. Бо такя ба сохтори гурӯҳбандии таҳияшуда таъсири буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба суботи молиявии низоми бонкӣ арзёбӣ шуда, тағйиротҳои назарраси он муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ таҳлил гардида, чунин хулоса пешниҳод гардид, ки гуногуншаклсозӣ (диверсификатсия)-и муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон метавонад яке аз омилҳои калидии коҳиш додани таъсири манфии буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ бошад, зеро вобастагии баланд аз иқтисодиёти як кишвар метавонад дар шароити пайдоиши хавфҳои беруна боиси афзоиши осебпазирии низоми молиявии миллӣ гардад.

7. Механизми гузаронидани фишорсанҷишҳо барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардид, ки тавассути онҳо шокҳо дар фаъолияти умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои низомсоз, ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд арзёбӣ ва муайян гардида, чораҳои дарозмуддати бартарафсозии онҳо пешниҳод шудааст.

8. Сохтори нави ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияташон ва таъмини суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардид. Дар доираи ин ислоҳот татбиқи буфери сармоявӣ барои ташкилотҳои қарзии муқаррарӣ ва низомсоз пешбинӣ шудааст. Тибқи меъёрҳои нав сармояи базавии сатҳи якум бояд 4,5%, сармояи сатҳи якум 6% ва сармояи умумӣ 8%-ро ташкил диҳад. Бо иловаи буфери захиравии 2,5%, ин меъёр то 10,5% мерасад ва дар сурати татбиқи буфери контрсиклӣ метавонад то 13% нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда афзоиш ёбад. Барои ташкилотҳои низомсоз бо назардошти буфери иловагии то 2% меъёри умумии сармоя метавонад то 15% нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда баробар гардад. Ҳамзамон, бо назардошти зарурати таъмини суботи молиявии дарозмуддат, барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 модели рушди макропруденсиалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ба андешаи мо дар маҷмӯъ равишҳои ҳамаҷонибаи муаллифро ба такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ инъикос менамоянд. Онҳо асосҳои ҳам назариявӣ ва ҳам методологиро доро мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия дар асоси тадқиқоти мукаммали илмӣ шакл гирифта, ба таҳлили пайдарҳамии адабиёти тахассусӣ, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва баррасии амалияи танзими макропруденсиалии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такя менамоянд. Дар раванди тадқиқот муаллиф аз маҷмуи усулҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои муқоисавӣ, оморӣ ва таҳлилӣ истифода бурда, ки ин имконият фароҳам овард то хатарҳои системавӣ, камбудиҳо ва тамоюлҳои калидии рушди низоми бонкии миллӣ, инчунин таъсири онҳо ба сатҳи суботи молиявӣ муайян карда шаванд. Хулосаҳои бадастомада натиҷаҳои асосии илмии тадқиқотро инъикос намуда, дар онҳо тавсияҳои амалӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мавҷуда ва такмили механизми танзими макропруденсиалии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд. Татбиқи ин тавсияҳо ба таҳкими суботи молиявӣ, коҳиш додани осебпазирии системавӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати макропруденсиалӣ мусоидат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 14 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Кор дар 473 саҳифа, 61 ҷадвал, 33 расм ва 30 диаграмма

оварда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 364 номгӯйро дар бар мегирад.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ мубрамии мавзуи таҳқикот сатҳи омӯхташавии он, ҳадаф ва вазифаҳои асосӣ, объект ва мавзуи тадкиқот, фарзияи илмӣ, зерсохторҳои навгонии илмӣ, инчунин аҳаммияти назариявию амалии тадкиқотро дар бар мегирад (Саҳ.5-18).

Боби якуми рисола, ки **«Асосҳои методологии танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ»** мебошад, ки ба масъалаҳои методологияи тадқиқи танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ, механизми танзими суботи молиявии макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ ва накши сиёсати макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар таъмини рушди устувори иктисоди миллӣ бахшида шудаааст. Қобили тазаккур аст, ки муаллиф дар тадкиқоти худ механизми танзими макропруденсиалиро ҳамчун асоси таъмини устувории молиявӣ дар тамоми низомҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ баррасӣ менамояд. Дар ин замина ба андешаи муаллиф ҳадафи аслии ин танзим пешгирии хатарҳое, ки ба суботи иқтисодӣ ва молия таҳдид мекунанд, мебошад. Ҳамзамон, мақсади он коҳиш додани таъсири ногаҳонии сохтори бозор ва ҳал кардани мушкилоти иқтисодие, ки ба тамоми низоми молиявӣ таъсир мерасонад, ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар боби якуми зесаволи якум дар асоси тадкикотҳои илмӣ дуруст қайд менамояд, ки истилоҳи “танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ” аз ду унсури муҳимми илмӣ-назариявӣ иборат мебошад. Аввалан, сухан дар бораи танзими макропруденсиалӣ меравад, ки ҳадафаш коҳиш додани хавфҳои микёси умумӣ дар низоми молиявӣ мебошад. Ин навъи танзим бо назардошти омилҳои макроиқтисодӣ ба идоракунии хатарҳои системавӣ мусоидат мекунад. Дуюм, суботи молиявӣ ҳамчун шарти муҳимми фаъолияти устувори соҳаи бонкдорӣ баромад мекунад. Дар ин замина докторант ақидаҳои гуногуни олимони соҳаро аз нуктаи назари назариявӣ таҳлили намуда ба чунин хулосаи умумие меояд, ки «... танзими макропруденсиалӣ яке аз усулҳои самараноки татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ба ҳисоб рафта, барои нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ҳангоми пайдоиши хатарҳои ҷиддӣ, аз қабили камбуди бозоргирӣ (ликвиднокӣ), таҳримҳои иқтисодӣ, ихтилофҳои бозорӣ ва ҳатто бухронҳои молиявӣ хизмат мерасонад. Ин навъи танзим барои ташкили муҳити боэътимоди молиявӣ ва рушди устувори дарозмуддат мусоидат менамояд (ҷадвали 1.1.)» (Саҳ. 22-23).

Дар баробари ин, муаллиф равиши таҳлили назариявиро ба андешаи мо дуруст интихоб намудааст. Яъне дар баробари таҳлили назариявии истилоҳи “танзими макропруденсиали” боз барои пайдарҳамии тадқиқот дар ин марҳала моҳияти амиқи иқтисодии «суботи молиявии бонкӣ»-ро низ бо истифода аз нуктаи назар ва андешаи муҳаққиқони соҳаи иқтисод ва молия, ки дар тадқиқотҳои худ ин масъалаҳоро муҳокима намудаанд, баррасӣ намудааст, ки хеле хуб аст. Дар натиҷаи таҳқиқи назариявии истилоҳи «суботи молиявӣ», докторант истилоҳи муаллифии худро ба таври комил дар

ҷадвали 1.2 пешниҳод менамояд, ки чунин аст: «... суботи молиявӣ ҳолатест, ки дар он ҳамаи бахшҳои низоми молиявӣ (бозорҳои молиявӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохтори молиявӣ) муътадил ва бе осебпазирӣ фаъолият намуда, дар муқобили таъсири хавфҳо ва шокҳои берунӣ сатҳи баланди истодагариро таъмин менамоянд». Гузашта аз ин, ҷанбаи муҳими зерсаволи мазкур боз дар он асос меёбад, ки муаллиф бо назардошти зарурати равшан сохтани мафҳум ва муҳтавои суботи молиявӣ андешаҳои олимони соҳаро тахти гурӯҳбандии қарор додааст. Ин гурӯҳбандӣ ба таври хосе сохта шудааст, ки хулоса ва таҳлили ақидаҳои илмӣ осонтар ва саҳеҳтар сурат мегиранд. Чунин равиш имконият медиҳад, ки моҳияти масъала ба таври дақиқ кушода шуда, фаҳмиши умумӣ дар бораи ҷанбаҳои гуногуни суботи молиявӣ зуд муайян гардад (Саҳ. 31).

Дар зерсаволи 1.2, боби якуми рисола докторант механизми танзими суботи молиявии макропруденсиалиро дар низоми бонкӣ таҳлил ва баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки дар марҳалаи кунунии рушди иқтисодӣ аҳаммияти танзими макропруденсиалӣ дар таҳкими суботи низоми бонкӣ беш аз пеш возеҳ мегардад. Ин равиши танзимкунӣ ба коҳиши хавфҳое равона шудааст, ки метавонанд фаъолияти муътадили сохторҳои молиявиро халалдор созанд. Татбиқи самараноки он бе иштироки ниходҳои танзимкунандаи давлатӣ ва механизмҳои назорати молиявӣ ғайриимкон аст. Муҳим аст, ки дар доираи ин сиёсат (танзим), сатҳ ва паҳнои хавфҳои эҳтимолӣ мунтазам муайян ва таҳлил карда мешаванд. Мониторинг ва таҳлили пайвастаи вазъи бозори молиявӣ имкон медиҳад, ки хавфҳои системавӣ сари вақт ошкор ва безарар гардонида шаванд.

Ҳамзамон, дар ҳамин зерсавол муаллиф ба андешаи мо дуруст қайд менамояд, ки механизми танзими макропруденсиалӣ аз муайянсозии хавфҳо оғоз мегардад ва дар марҳилаҳои баъдӣ ин хавфҳо арзёбӣ шуда, эҳтимолияти табдил ёфтани онҳо ба хавфи системавӣ ҳисоб карда мешавад. Интихоби василаҳо барои аз байн бурдан, ё кам кардани таъсири чунин хавфҳо баҳри нигоҳдории суботи молиявӣ равона карда мешаванд. Дар натиҷа танзими макропруденсиалии самаранок амалӣ гардида, хавфи ба миён омадани таҳдидҳои системавӣ коҳиш дода мешаванд (Саҳ. 53).

Дар ин замина муаллиф механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон мавриди баррасӣ карор дода қайд менамояд, ки он аз мақсадҳои асосиву фосилавӣ, фишангҳо, хавфҳои системавӣ ва қабули қарор дар татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ иборат мебошад (расми 1.7., саҳ. 55). Дар баробари ин докторант дар саҳ. 57, расми 1.8-уми диссертатсияи худ механизми истифодаи фишангҳои сиёсати макропруденсиалиро дар низоми бонкии Ҷумҳруии Тоҷикистон оварда қайд менамояд, ки фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба панҷ гурӯҳ тақсим мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо дар амалӣ намудани вазифаҳо ва танзими равандҳои молиявию бонкӣ нақши муайян доранд. Гузашта аз ин, докторант ҳар як фишангро ба таври муфассал ва мушаххас таҳлил ва баррасӣ менамояд, ки ҷавҳари илмии рисоларо боз ҳам боло мебардорад.

Дар зесаволи 1.3, докторант нақши сиёсати макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкиро дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст. Ба андешаи мо, яке аз ҷанбаҳои муҳими зерсаволи мазкур дар он маҳсуб меёбад, ки муаллиф мавқеи сиёсати макропруденсиалиро дар низомӣ молиявӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ баррасӣ намуда сохтори таъсиррасонии ин сиёсатро яъне сиёсати макропруденсиалиро дар расми 1.10, саҳ. 69 ба таври муфассал шарҳ медиҳад. Ҳамзамон, докторант дар асоси маълумотҳои омори таҳлили ҳамаҷонибаи низоми бонкӣ ва низоми молиявиро анҷом дода ба хулосаи умумие меояд, ки сиёсати макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ ба воситаи сиёсати монетарӣ ва фискалӣ ба рушди иқтисоди миллӣ таъсир намуда, суботро дар иқтисодиёти кишвар таъмин менамояд. Мо ба ин андеша ё хулосаи докторант ҳамфикр мебошем, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ воқеияти маҳзро инъикос карда метавонад.

Боби дуюми рисолаи мазкур, ки **«Асосҳои институтсионалии танзими макропруденсиалӣ дар нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ»** номгузори шудааст, ки ба масъалаҳои институтҳои танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеи институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон дар арзёбии вазъи молиявии низоми бонкӣ, инчунин таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти танзими институтсионалии макропруденсиалӣ ва татбиқи баъзе аз механизмҳои он дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Муаллиф дар зерсаволи 2.1, саҳ. 101 диссертатсияи худ дуруст қайд менамояд, ки барои фаҳми бештари аҳаммияти институтҳои макропруденсиалӣ дар таҳкими суботи молиявии низоми бонкӣ бояд онҳоро ба таври амиқ ва фарогир таҳлил намуд. Инчунин, зарур аст, ки на танҳо самтҳои фаъолияти асосии ин институтҳо баррасӣ шаванд, балки сохтори ташкилии онҳоро низ бо диққати хос омӯхтан аз аҳаммият холӣ нест. Танҳо тавассути чунин таҳлили ҳамаҷониба нақши воқеии онҳоро дар идоракунии тавозуни молиявӣ ва пешгирии хавфҳои системавӣ метавон дуруст арзёбӣ намуд. Бо вуҷуди ин, докторант сохтори институтҳои макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар расми 2.2 пешниҳод намудааст, ки ҷавҳари илмӣ зерсаволи мазкурро баланд мебардорад. Дар расми пешниҳодгардида муаллиф ба таври равшан нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ниҳодҳои муҳимми макропруденсиалӣ фаъолият доранд, ки дар таҳкими суботи молиявӣ нақши муҳим мебозанд. Аз ҷумла, Шурои миллии суботи молиявӣ, Кумитаи суботи молиявӣ ва Кумитаи сиёсати пулию қарзии назди Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун унсурҳои калидии ин сохтор шинохта мешаванд. Ин институтҳо тавассути таҳияи сиёсати макропруденсиалӣ, муайянсозии хавфҳои молиявӣ ва қабули тадбирҳои пешгирикунанда дар низоми молиявӣ таъсири назаррас мерасонанд. Ҳар кадоми онҳо дорои салоҳиятҳо ва вазифаҳои махсус буда, дар ҳамоҳангсозии чораҳои иқтисодӣ ва назоратӣ фаъолона иштирок мекунанд. Танзими самараноки муносибатҳои байниинститутсионалӣ миёни ин се ниҳод ба устувории низоми молиявӣ мусоидат менамояд. Дар маҷмуъ,

муаллиф дар натиҷаи тадқиқоти анҷомёфтаи зерсаволи мазккур ба хулосае меояд, ки нақши институтҳои макропруденсиалӣ дар таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ ниҳоят муҳим ва ҳалкунанда мебошанд.

Дар боби дуюм зерсаволи 2.2., муаллиф мавқеи институтсионалии Бонки милии Тоҷикистон дар арзёбии вазъи молиявии низоми бонкиро таҳлил ва барраси намуда, қайд менамояд, ки Бонки миллии Тоҷикистон яке аз институтҳои асосии давлатӣ ба шумор меравад, ки барои танзим ва назорати низоми молиявию бонкии кишвар масъул аст. Ин институт нақши калидиро дар таъмини суботи молиявӣ ва устувории низоми бонкӣ иҷро мекунад. Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ин таҳия ва татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ мебошад, ки барои коҳиши хавфҳои системавӣ дар низоми молиявӣ равона шудааст. Қобили тазаккур аст, ки муаллиф дар ҷадвали 2.1., саҳ. 120-уми рисолаи илмӣ методологияи тарзи ҳисобкунии меъёрҳои мақбулро дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас таҳлил намудааст, ки барои натиҷагири илмӣ дар самти мазккур нақши назаррас гузоштааст. Ҳамзамон, ҷавҳари илмӣ доштани зерсаволи мазкур ба андешаи мо боз дар он зоҳир мегардад, ки докторант мавқеи институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистонро дар арзёбии вазъи молиявии низоми бонкӣ дар шакли модел ё расми муаллифӣ пай дар пай оварда баррасӣ намудааст.  Бо вуҷуди ин, муаллиф арзёбии фаъолияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи солҳои 2005-2024 ба таври муфассал ва мушаххас таҳлил намудааст, ки баръало дар ҷадвали 2.2, саҳ.127-128 инъикос гардидаанд.

Дар зерсаволи 2.3, муаллиф омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи давлатҳои хориҷиро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки барои татбиқи муассири сиёсати макропруденсиалӣ, аввалан бояд заминаи қонунии мустаҳкам ва сохторҳои дахлдори давлатӣ мавҷуд бошанд. Танҳо дар сурати доштани чунин механизмҳо метавон ба самаранокии ин сиёсат умед баст. Ин ниҳодҳо бояд ваколатҳои равшан ва расмӣ дошта бошанд, то дар ҳолатҳои зарурӣ чораҳои фаврӣ андешанд. Қабули қарорҳои саривақтӣ дар шароити иқтисоди зудтағйирёбанда хеле муҳим аст. Ҳамзамон, масъулияти иҷрои сиёсати макропруденсиалӣ бояд байни сохторҳои гуногун возеҳ тақсим карда шавад. Агар чунин сохторҳо бо қонунгузории кишвар устувор гардонида шаванд, сиёсати макропруденсиалӣ самараи бештар хоҳад дод. Зеро бо ин роҳ шароити мусоид барои ҳамкории самарабахш бо бозорҳои молиявӣ фароҳам мегардад. Муҳим аст, ки байни мақомот ва иштирокдорони бозори молиявӣ мубодилаи мунтазами иттилоотӣ вуҷуд дошта бошад. Ин гуна ҳамкорӣ дар таҳлили хатарҳои эҳтимолӣ ва пешгирии онҳо нақши калидӣ мебозад. Мақомот бояд қобилияти мониторинги доимиро дошта бошанд, то тағйироти муҳимми иқтисодиро пешакӣ дарк намоянд.

Дар ин радиф, муаллифи рисолаи докторӣ дар заминаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ сохтори институтсионалии танзими макропруденсиалии суботи молиявиро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия пешниҳод намудааст, ки ба андешаи мо шоистаи таҳсин ва ҷонибдорист.

Дар боби сеюм, ки «**Таҳлили вазъи молиявӣ ва баҳогузории таъсири омилҳо ба раванди танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» мебошад вазъи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таъсири омилҳо баррасӣ мешавад. Дар он вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, натиҷаҳои таъсири буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба суботи молиявии низоми бонкӣ муайян ва баҳогузорӣ гардидаанд.

Докторант дар зерсаволи 3.1, қайд менамояд, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми рушди устувор ва нигоҳдорандаи суботи молиявӣ дар кишвар мебошад. Аз ин рӯ, таҳлил ва арзёбии ҷузъҳои гуногуни низоми бонкӣ барои тадқиқоти минбаъда аҳаммияти бузург дорад. Ин арзёбиҳо ба омӯзиши амиқ ва муфассали вазъи молиявӣ дар кишвар роҳ мекушоянд. Ҳамзамон, муаллиф барои дарки ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои молиявии низоми бонкӣ методологияи таҳлили пайдарҳамии раванди онро таҳия намудааст, ки илман асосонок мебошад.

Дар баробари ин, муаллифи рисолаи докторӣ ба андешаи мо дуруст қайд менамояд, ки методологияи омӯзиши вазъи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳлили нишондиҳандаҳои калидии сохторӣ ва молиявӣ асос меёбад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба унсурҳое, чун сохтори дохилии низоми бонкӣ, таркиби дороиҳо, ҳаҷми қарзҳои фаъол, пасандозҳои аҳолӣ, уҳдадориҳои молиявӣ ва сатҳи сармоя равона мегардад. Барои ҳар яке аз ин нишондиҳандаҳо бо назардошти ҳолати кунунии бозор ва омилҳои иқтисодиву молиявӣ таҳлил анҷом дода мешавад. Омӯзишҳо бо истифодаи маълумоти расмии оморӣ сурат мегиранд ва имкони тадқиқи равандҳои аслӣ ва тағйироти муҳимми сохториро фароҳам месозанд. Ҳар як унсур бо мақсади муайянсозии самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ тадқиқ мешавад. Ин раванд дар баробари таҳлили муфассали нишондиҳандаҳо, инчунин, робитаи байни онҳо ва таъсири мутақобилаашон ба низомро дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар расми 3.1 муаллиф гурӯҳбандии раванди таҳлили вазъи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷолиби диққат аст. Дар маҷмуъ, дар ин зерсавол муаллиф ҳамаҷониба сохтори низоми бонкиро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки рушди низоми бонкии Тоҷикистон бо афзоиши назарраси уҳдадориҳо, пасандозҳо ва сармоя ҷараён мегирад. Вале бовуҷуди ин, ӯ дуруст қайд менамоянд, ки барои таъмини суботи молиявии дарозмуддат зарур аст, ки баробарии устувор байни сармоя, уҳдадориҳо ва пасандозҳо барқарор карда шавад. Илова бар ин, зарурати баланд бардоштани саҳми сармоя дар ММД, идоракунии хавфҳои молиявӣ ва ҷалби сармояи дохилӣ бештар ба миён меояд. Бе татбиқи тадбирҳои муассир дар ин самт имкони ноустуворӣ ва осебпазирии низом зиёд мегардад.

Бо ҳамин мазмун диссертант дар зерсаволи 3.2, таҳлили вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии низомсозро ҳамаҷониба баррасӣ ва таҳлил намуда, ба чунин хулосаи умумӣ ё ниҳоие меояд, ки ҳар як ташкилоти қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ дар давраи таҳлили фаъолияти худ усули хоси идоракунии

хавфҳоро ба роҳ мондааст. Бархе аз онҳо диққати асосиро ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи дороиҳо ва сармоя равона сохтаанд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар афзалиятро ба таъмини пардохтпазирӣ ва идоракунии оқилонаи хавфҳо додаанд. Тафовут дар натиҷаҳои ниҳоии молиявӣ, пеш аз ҳама натиҷаи тағйирёбии стратегияҳои рушди ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ, шароити фаъолияти бозорӣ ва низоми идоракунии дохилии онҳо мебошад.

Муаллиф зерсаволи 3.3-ро ба арзёбии натиҷаҳои таъсири буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида қайд менамояд, ки буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ на танҳо ба суботи молиявии низоми бонкӣ, балки ба тамоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин, докторант равиши таҳлилро дуруст интихоб намудааст, яъне дар мадди аввал нишондиҳандаҳои муҳимми макроиқтисодӣ ва пас аз он низоми бонкиро мавриди таҳлил қарор додааст. Мақсади асосии чунин равиш ё метод ин муайян кардани оне, ки то кадом андоза ҳар як буҳрон ва таҳрими иқтисодӣ таъсирҳои худро мерасонанд. Ин масоилро дар расми 3.2, ки таъсири буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ гардидааст ба таври возеҳ пешниҳод намудааст, ки ҷолиби диққат мебошад. Гузашта аз ин, докторант дар ҷадвали 3.10, ба таври системавӣ (таҳлили системавӣ) вазъи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити таъсири буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ва ҳамзамон дар ҷадвали 3.11, вазъи тавозуни ҷамъбастии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъсири буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ, бо ҳамин мазмун ҷадвалҳои 3.12, ва 3.13-ро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба хулосаи умумие меояд, ки дар солҳои охир вобастагии иқтисоди кишвар аз Федератсияи Россия дар ҳоли коҳишёбӣ қарор дорад. Аз ин таҳлил метавон хулоса кард, ки диверсификатсия ё гуногуншаклсозии муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон яке аз омилҳои асосии коҳиш додани таъсири манфии буҳронҳо ва таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ ба шумор меравад. Зеро вобастагии баланд аз иқтисодиёти як кишвар метавонад ба осебпазирии низомҳои молиявии миллӣ дар ҳолати пайдоиши хатарҳои беруна сабабгор шавад.

Боби чоруми рисолаи докторӣ, ки **«Масоили гузаронидани фишорсанҷишҳо (стресс тестҳо) дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ гардидааст ба масъалаҳои методологии гузаронидани стресс-тестҳо дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили васеъ қарор гирифтаанд. Дар ин боб сатҳи стрессҳои эҳтимолӣ, ки аз таъсири буҳронҳои иқтисодӣ ва таҳримҳои байналмилалӣ ба низоми фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ТАҚХ ворид мегарданд, муайян ва баҳогузорӣ шудаанд. Ҳамзамон, роҳҳои муассир ва стратегӣ барои пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири манфии стрессҳо пешниҳод гардидаанд.

Ба андешаи мо, муҳимтарин масоили барасишаванда дар рисолаи мазкур маҳз механизми гузаронидани стресс-тестҳо дар низоми фаъолияти

ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, зеро дар вазъи кунунии иқтисодӣ, ки бо ноустуворӣ ва хатари гуногун тавсиф мешавад, аҳаммияти арзёбии қобилияти устувории ташкилотҳои қарзӣ ба таъсирҳои беруна ба таври назаррас меафзояд. Маҳз дар ҳамин замина, стресс-тесткунӣ яке аз муҳимтарин воситаҳои таҳлил ва пешгӯии таъсири манфии рӯйдодҳои эҳтимолӣ ба суботи низоми бонкӣ маҳсуб меёбад. Ҷанбаи муҳими зерсаволи 4.1, дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф сохтор, усулҳо ва ҳамзамон намудҳои стрес тестҳоро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст, ки ҷолиби диққат мебошад.

Муаллиф дуруст мепиндорад, ки таҳлили сенариявии таъсири шокҳо имкон медиҳад, ки самтҳои заифи низоми бонкӣ муайян карда шаванд. Мақомот ва ташкилотҳои танзимгар метавонанд дар асоси ин таҳлилҳо сиёсатҳои устувортар ва стратегияи мудирияти хавфҳоро тарҳрезӣ намоянд. Истифодаи чунин моделҳо барои омодагӣ ба хатарҳои макроиқтисодӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳамчунин, дарки дурусти номуайяниҳо ва ноустувории натиҷаҳо зарурати таҳлили амиқ ва мукаммалро тақозо мекунад. Ниҳоят, ин гуна натиҷаҳо ба низоми бонкӣ кумак мерасонанд, ки зери таъсири шиддатҳои беруна устувор боқӣ монанд.

Бо ҳамин равиш муаллиф дар зерсаволи навбатӣ, яъне 4.2-и рисолаи докторӣ таҳлили вазъи стрессҳо дар низоми фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ТАҚХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамаҷониба таҳлил менамояд, ки аз нигоҳи методологӣ комилан мувофиқ мебошад. Дар қисмати хулосавӣ ва таҳлилҳоли ҳамаҷониба муаллиф ба хулосае меояд, ки шокҳои макроиқтисодӣ таъсири манфӣ ба нишондиҳандаҳои молиявии ТАҚХ доранд. Дар сенарияи шоки сабук сатҳи пардохтпазирӣ метавонад устувор боқӣ монад ё то андозае боло равад, вале дар шоки шадид коҳиш дар нишондиҳандаҳо ба таври назаррас ба назар мерасад.

Боби панҷуми рисола, ки **«Самтҳои такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** номгузорӣ гардидаст, ки ба роҳҳои такмили раванди фаъолияти ниҳодҳои танзимкунандаи макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ, механизми татбиқи буфери сармоявӣ дар танзими сиёсати макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ, инчунин тарҳрезии модели рушди макропруденсиалии суботи молиявии низоми ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 бахшида шудааст..

Дар ин боб бештар аз ҷониби муаллиф тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд. Махсусан, дар расми 5.1, саҳ. 284 муаллиф дар беҳтарин шакл пешниҳодҳои худро оид ба тақвияти сохтори институтҳои макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, ки ба андешаи мо қобили қабул мебошанд ва воқеан дар такмил ва тақвияти сохтори институтҳои макропруденсиалии

суботи молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассир мегузоранд.

Дар баробари ин, муаллиф дуруст пешниҳод менамояд, ки низоми фаъолияти танзими институтҳои макропруденсиалӣ бояд равшану муассир бошад. Барои расидан ба ин мақсад танҳо такя кардан ба як ё ду ниҳоди давлатӣ кофӣ нест. Як ҳамкории самаранок бояд байни Вазорати рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти масъул мавҷуд бошад. Хазинаи суғуртаи пасандозҳо низ бояд нақши худро дар таъмини суботи низоми бонкӣ иҷро намояд.

Дар зерсаволи 5.2-и рисолаи докторӣ бошад, муаллиф механизми татбиқи буфери сармоявӣ дар танзими сиёсати макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкиро мавриди баҳси худ қарор додааст. Натиҷаи таҳлилҳои анҷомдодашудаи муаллиф нишон медиҳанд, ки таъсиси буферҳои сармоявӣ дар шароити устувори иқтисодӣ дорои аҳаммияти баланди муҳофизатӣ мебошанд (расми 5.6, саҳ. 314).

Ҳамин тавр, дар зерсаволи 5.3, докторант тарҳрезии модели рушди макропруденсиалии суботи молиявии низоми ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 ба таври ҳамаҷониба пешниҳод намудааст. Дар ин замина барои тарҳрезии модели рушди макропруденсиалии суботи молиявии низоми ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040, дар мадди аввал, муаллиф тибқи ҷадвалҳои 5.8 ва 5.9 ҳамбастагии омилҳои молиявии соҳаи бонкдориро тавассути матритсаи махсуси коррелятсионӣ таҳлилу арзёбӣ намудааст. Дар ин матритса ҳар як ҷуфти тағйиротҳо бо коэффитсиенти мушаххасе нишон дода шуда, дараҷаи вобастагии байни онҳо дар миқёси аз –1 то +1 оварда шудаанд (расми 5.8). Вобаста ба ин, бо такя ба матритсаи ҳамбастагӣ миёни нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва натиҷаҳои модели самаранок, муаллиф дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва вазъи молиявии ташкилотҳои қарзиии Ҷумҳурии Тоҷикистонро то соли 2040 тарҳрезӣ ва пешниҳод намудааст, ки шоистаи таҳсин мебошад.

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои муҳимтарини тадқиқоти анҷомдодашудаи муаллиф (муқароротӣ назариявӣ, равишҳои методологӣ ва тавсияҳои амалӣ) оварда шудаанд, ки ба такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои иқтисоди ҷаҳонӣ равона гардидаанд (Саҳ. 348 - 366).

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада равишҳои муосири методологии ташаккули механизми макропруденсиалии таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва афзоиши хатарҳои глобалӣ асоснок карда шудаанд. Бо такя ба таҳқиқоти анҷомёфта саҳми назаррас дар ғанӣ гардондани тасаввуроти илмӣ оид ба танзими молиявӣ ва мутобиқсозии низоми миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ гузошта

шудааст. Ҳамзамон, муқаррароти назариявӣ ва методологии таҳиягардида имконияти истифода дар рушди минбаъдаи илми иқтисодӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисос дар соҳаи танзими макропруденсиалиро фароҳам меоранд.

Аз лиҳози татбиқи амалӣ, тавсияҳои пешниҳодшуда ҷиҳати такмили сиёсати макропруденсиалӣ, мониторинг ва назорати фаъолияти низоми бонкӣ дорои аҳамияти хос буда, метавонанд мустақиман дар фаъолияти бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ мавриди истифода қарор гиранд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳияи усулҳои танзим ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи макропруденсиалӣ хизмат мекунанд.

Бо назардошти таъсири иқтисодӣ, татбиқи механизмҳои пешниҳоднамудаи муаллиф ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва суботи молиявии низоми бонкӣ мусоидат намуда, раванди ҷалби сармоягузориҳоро тақвият мебахшад ва устувории иқтисоди миллиро таъмин менамояд. Дар баробари ин, такмили механизми макропруденсиалии низоми бонкӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ба афзоиши эътимоди ҷомеа, рушди фарҳанги корпоративӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони соҳаи танзими молиявӣ мусоидат намуда, аҳамияти иҷтимоии таҳқиқоти анҷомдодашударо боз ҳам равшантар месозад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Дар доираи самти интихобгардидаи таҳқиқот муаллиф фаъолияти назарраси илмӣ анҷом дода, дар маҷмуъ 53 кори илмӣ, аз ҷумла 51 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 28 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чоп шудаанд, ки номгӯи ин нашрияҳои илмиро Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додааст. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар ду монография, ки ба масъалаҳои муҳими мавзуъ бахшида шудаанд, инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Таҳияи диссертатсия дар мувофиқат бо талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва дигар маводҳои илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) сурат гирифтааст. Муқаддима ва бахшҳои кори илмӣ, сатҳи таҳқиқоти илмӣ, робита бо барномаҳо ва лоиҳаҳо, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот, фарзияҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, манбаъҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, ҳамчунин нуктаҳои муҳим, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, дар бар мегиранд. Илова бар ин, тамоми меъёрҳои техникии диссертатсия, аз ҷумла ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, ҳамчунин тартиби тартибдиҳии феҳристи адабиёт низ пурра риоя шудаанд.

**Камбудиҳои диссертатсия**

Сарфи назар аз бартариҳои дар боло зикршуда, дар кори

диссертатсионии ба тақриз пешниҳодшуда як қатор норасоиҳо мушоҳида мегарданд:

1. Муаллиф дар саҳ. 9 объекти тадқиқоти рисоларо «Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян намудааст. Бо вуҷуди ин, беҳтар мебуд, агар объекти таҳқиқот ба маҷмуи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеътар равона карда мешуд, зеро низоми молиявии кишвар дар шароити муосир бо як қатор мушкилот ва ҷанбаҳои ҳалношуда рӯ ба рӯ гардидааст. Аз нигоҳи мо, таҳлилу пешниҳодҳои илмӣ оид ба ҳалли ин мушкилот қадами муҳим дар рушди илми иқтисод маҳсуб меёфт.

2. Дар боби якуми рисола таҳти унвони «Асосҳои методологии танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ» муаллиф таҳлили умумӣ ва таҳқиқоти назариявиро пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар фасли 1.1 беҳтар мебуд, ҷанбаҳои таърихи пайдоиши танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ бо тавзеҳи пурра ва равшан баён гарданд, то таҳлили мавзуъ аз ҷиҳати таърихӣ ҳам мукаммалтар сурат гирад.

3. Диссертант боби дуюми рисоларо «Асосҳои институтсионалии танзими макропруденсиалӣ дар нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ» номгузорӣ намудааст. Бо вуҷуди ин, дар рисола санадҳои меъёриву ҳуқуқии БМТ оид ба объекти мавзуи мазкур дар алоҳидагӣ таҳлил ва таҳқиқ нагардидаанд.

4. Дар саҳ. 143-170 муаллиф таҷрибаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россияро ба таври ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Бо вуҷуди ин, беҳтар мебуд, агар муаллиф таҷрибаи давлатҳои Аврупо, Амрико ва дигар кишварҳоро низ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор медод.

5. Дар боби 4-уми рисола муаллиф механизми гузаронидани стресс-тестҳоро баррасӣ намуда, бо усули интихобӣ 8 бонк ва 3 ТАҚХ-ро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Вале беҳтар мебуд, агар муаллиф натиҷаҳои фишорсанҷиш (стресс-тестҳо)-и ҳар як бонк ва ТАҚХ-ро низ ба таври ҷудогона дар ин боб пешниҳод мекард, то хонанда имкони муқоиса ва таҳлили бештарро меёфт.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти камбудиҳо ва норасоиҳои дар боло номбаршуда хусусияти тавсифӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионии иҷрошуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявӣ, методологӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса**

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии пешниҳодшуда дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро шуда, хусусияти таҳқиқоти ҷиддии илмӣ-таҳассусиро дорад.

Автореферати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, муҳтавои асосии корро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ

ва қарз пешниҳод гардидааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бандҳои 32, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами 295 аз 26 июни соли 2023) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, муовини раиси
Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Г. Н.

Имзои Назирӣ Гулбаҳор Назирро тасдиқ мекунам:

**Сардори идораи**
**кормандони БМТ** **Саидвалиева О. С.**

**Суроға:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 38/1. Телефон: + (992 44) 600-32-10. E-mail: TGN_1970@mail.ru

НАЦИОНАЛЬНЫЙ БАНК ТАДЖИКИСТАНА * БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ КОРМАНДОН
УПРАВЛЕНИЕ ПЕРСОНАЛОМ

20.02.2026г.